# КОНСТИТУТСИЯИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН – БАХТНОМАИ МИЛЛАТИ ТОЧИК

Конститутсия зербино ва аркони давлатдорист, зеро он конуни асосии хар давлат буда, тамоми санадхои конунгузории дигар дар асоси он тахия, кабул ва амалӣ мегарданд. Бар ин маъно, асосхои хукукии тагйироти куллӣ ва пешрафти минбаъдаи чомеаи точикон, бавижа шакли нави давлатдорӣ, низоми макомоти нави хокимияти давлатӣ, таъмини арзишхои вокеан олии инсон ва хукуку озодихои он ва мухимтар аз хама, танзими муносибатхои нави чамъиятӣ дар асоси ин хуччати мухим ба вучуд омаданд. Мусаллам аст, ки то имрӯз дар Точикистон панч маротиба (солхои 1929, 1931, 1937, 1978 ва 1994) Конститутсия кабул гардидааст. Агар чор Конститутсияи аввал дар замони шӯравӣ ва аз чониби макомоти намояндагӣ кабул шуда бошанд, Конститутсияи охирон замони истиклол ва тарики раъйпурсии умуммихалкӣ кабул гардидааст ва он дар таърихи давлатдории точикон нахустин санади олии меъёрии хукукиест, ки хамраъйии халки точикро бевосита ифода мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки кори тахияи Конститутсияи мазкур ханӯз дар замони Шӯравӣ аз соли 1989 ва махсусан, пас аз Истиклоли давлатии Точикистон то соли 1994 идома дошт, вале танхо дар давраи Сарвари давлат будани мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва бо ташаббуси ӯ кабули Конститутсия бо рохи раъйпурсии умумихалкӣ баргузор карда шуд. Махз хамин давлатмард тавонист дар солхои авчи чанги шахрвандӣ, ноороми сиёсӣ, вазъияти муташанничи иктисодиву ичтимоӣ тахияи лоихаи Конститутсия ва баргузории маъракаи раъйпурсӣ оид ба кабули Конститутсияро таъмин созад. Сардори давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар гузориши худ дар ичлосияи 48-уми Мачмааи кулли СММ аз 30-юми сентябри соли 1993 иброз дошта буд, ки холо дар Точикистон кор аз болои тахияи лоихаи Конститутсияи нав идома дорад ва дар он хамаи масъалахои ба таъмини хукукхои инкорнашавандаи инсон дахлдор ба эътибор гирифта мешавад.

Ба бухрони шадиди иктисодӣ ва сиёсии кишвар нигох накарда, бо икдоми Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон гурӯхи калони мутахассисону коршиносон дар моххои сентябр-октябри соли 1993 ба кишвархои хорича, аз кабили Швейцария, Туркия, Иёлоти Муттахидаи Амрико барои омӯзиши тачрибаи конститутсионӣ фиристода шуданд. Аз ин сабаб бо вучуди дар давраи чанги шадиди шахрвандӣ тахия гаштани Конститутсия, аъзои гурӯхи корӣ тавонистанд, ки дар он бехтарин дастовардхои таърихи конститутсионализми мамолики мутараккӣ, тачрибаи байналмилалии инкишофи

демократия ва падидахои он, принсипхои умумии байналмилалӣ ва консепсияи хукуки фитриро инъикос намоянд ва дар натича Конститутсияи мазкур аз чониби коршиносони байналмилалӣ бахои баланд гирифта, ба катори панч конститутсияи бехтарини чахон эътирофу ворид гашт. Бо назардошти ин, бо боварии комил метавон гуфт, ки баргузор кардани маъракаи раъйпурсӣ дар соли 1994 яке аз намунахои барчастаи кахрамонӣ ва махорати баланди сиёсӣ доштани Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба хисоб меравад.

Бешубха, метавон таъкид намуд, ки бо азму иродаи Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон яке аз аввалин тадбирхои мухимме, ки ханӯз дар огози давраи сохибистиклолӣ амалӣ гардид, кабули хамин хуччати мухим - Конститутсия ва дар заминаи он ташаккул ёфтани низоми нави конунгузории кишвар ба хисоб мерафт. Дар як давраи аз нигохи амниятӣ ва сиёсӣ нихоят хассос тарики раъйпурсии умумихалкӣ кабул намудани Конститутсияи Точикистон аз чумлаи бузургтарин дастовардхои даврони сохибистиклолии Чумхурии Точикистон мебошад, ки дар мехвари он иродаи бузургу часуронаи Эмомалӣ Рахмон карор дорад. Махз хамин санади такдирсоз тавонист заминаи мустахками хукукии бунёди давлатдории муосири миллӣ, асосхои сохтори конститутсионӣ, кафолати таъмини сохибихтиёрӣ ва хифзи манфиатхои миллиро фарохам оварад, ки ба сиёсати дурбинона ва санчидашудаи Президенти Точикистон Эмомалӣ Рахмон алокаманд мебошад.

Тавре зикр кардем, Конститутсияи амалкунанда дар тафовут аз конунхои асосии пешинаи Точикистон нахустин конститутсияест, ки бевосита аз чониби халк бо рохи раъйпурсии умумихалкӣ кабул гардидааст, яъне дар таърихи давлатдории точикон аввалин маротиба хамраъйии миллат рочеъ ба масоили асосхои сохтори конститутсионӣ – хусусият, сохтор ва таркиби давлат, вазъи хукукии инсон, иттиходияхои онхо, асоси иктисодии давлат, самтхои асоси сиёсати хоричии он, инчунин хукук, озодӣ ва вазифахои асосии инсон ва шахрванд, тартиби ташкил ва тачзияи хокимияти давлатӣ дар хамин санад ифода гардид. Бо кабули Конститутсия хамраъйии аксари ахолии тамоми махаллу минтакахои гуногуни Точикистон маълум гардида, заминаи вахдати миллӣ гузошта шуд. Ин чо бояд махсус таъкид сохт, ки мардуми тамоми махалхои Точикистон, дар он рӯзхо шояд аксарият мазмуну мохияти мукаррароту арзишхои дар Конститутсия ифодаёфтаро дуруст дарк карда наметавонистанд, вале фикр мекунам, онхо хеле хуб дарк карда буданд, ки кабули Конститутсия дар рохи вахдату ягонагӣ ва побарчоии давлати сохибихтиёри точикон заминаи устувор хохад гузошт. Гайр аз ин, Конститутсияро чонибдорӣ кардани аксари кулли мардуми кишвар ифодагари боварию эътимоди онхо ба Сарвари давлат ва сиёсати пешгирифтаи ӯ буд.

Лозим ба ёдоварист, ки санаи 6-уми ноябри соли 1994 дар як вакт бо кабули Конститутсия Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон нахустин бор бевосита аз

чониби халк хамчун Президенти кишвар – сарвари давлат ва хокимияти ичроия (Хукумат) интихоб гардид ва бо ин интихоби такдирсоз рохи дурахшон ва вахдату якдилии миллат муайян карда шуд. Тавре равиши минбаъдаи вокеияти таърихӣ нишод дод махз хамин интихоб сабабгори пойдору побарчо мондани давлати точикон ва вахдати миллат гашт. Миллати точик махорати рохбарӣ ва кордонию сиёсатмадории мухтарам Эмомалӣ Рахмонро дар ду соли Раиси Шӯрои Олӣ буданаш эхсос намуда, ӯро Президенти кишвар интихоб кард ва Пешвои худро дар ин рӯз бевосита ва бехато дарёфт намуд.  Яъне махз хамон насли точик, ки Конститутсияро кабул карда буд, нахустин маротиба мухтарам Эмомалӣ Рахмонро ба мансаби президентӣ интихоб намуд. Махз хамин насли халки точик худро дар назди наслхои гузашта, хозира ва оянда масъулу вазифадор дониста, таъмини сохибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуданд ва Конститутсияро кабулу эълон доштанд. Аз ин рӯ, хар як шахрванде, ки дар интихобот ва раъйпурсии 6-уми ноябри соли 1994 иштирок намудааст, ба андешаи мо, дар кори пойдории давлати точикон накши мухим гузошта, барои наслхои минбаъда бояд шоистаи арчгузориву кадршиносӣ бошад.

Кадршиносии кори ин нафарон ва мукаддас донистани Конститутсия аз чониби мо ва наслхои оянда, пеш аз хама, дар риояю ичрои бемайлони меъёрхои конуни асосӣ ифода мегардад. Бо назардошти хамаи ин гуфтахо насли имрӯзу оянда ва махсусан чавононро зарур аст, ки ба кадри тинчию осоиштагӣ, вахдату ягонагӣ ва озодию истиклоли миллии дар Конститутсия эълонгашта расида, дар кору пайкори харрӯзаашон коидахои мукарраркардаи Конститутсияи кишварро ба рохбарӣ гирифта, бахри ободии кишвар ва хифзи истиклолу якпорчагии он хаматарафа талош варзанд.

**Хасанова З.М. -муаллими калони кафедраи эпидемиологияи ДТТ**